Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146, https://www.tajagrun.tj/)

ТАҚРИЗ

ба автореферати Шарифзода Сухроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Дар мадди аввал бояд қайд намуд, ки масъалаҳои вобаста ба самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асоси таъминоти дараҷаи иттилоотиву таҳлилӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёби гардида, ба беҳтар гардидани вазъи иқтисодии бахши воқеии иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳо оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, баррасии илмии масъалаҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ барои таҳияи қарорҳои асосноки идоракунӣ ва сиёсати соҳавӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳимми иқтисодиёти соҳаи кишоварзиро дорост.

Автореферати диссертатсияи Шарифзода Сухроб Каримхон ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ бахшида шуда, бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Муаллиф дуруст асоснок менамояд, ки маҳз сатҳи татбиқи технологияҳои рақамӣ ва системҳои муосири идоракунӣ имрӯз ба яке аз омилҳои ҳалкунандаи рушди устувор ва рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ табдил ёфтааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки низоми истифодаи замин, дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ такмили муносибатҳо ба замин ва шароити мавҷудбудаи умумиро дар минтақаҳои мамлакат ба андозаи кофӣ инъикос намекунад. Ҳолати ҳозираи низоми институтсионалӣ дар бораи кофӣ набудани асоси консептуалии танзим ва доир кардани ислоҳоти мақомоти идоракунӣ шаҳодат медиҳад (саҳ. 13). Диққати асосии муаллиф бояд ба ваколатҳо ва салоҳиятҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ равона карда шаванд. Чунки дар ниҳояти кор, вазъи иқтисодии соҳаи кишоварзӣ аз қабули қарорҳои идоракунии онҳо вобастагӣ дорад.

Новобаста аз сатҳи баланди илмиро касб намудани автореферати диссертатсияи муаллиф, дар он баъзе норасоиҳои ҷузъӣ мушоҳида мегарданд. Ба сифати мисол, таҳлили вазъи иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар баъзе аз ҷадвалҳои муаллифӣ (ҷадвали 9, саҳ.28) пурра акси худро наёфтааст. Инчунин дар матн баъзе камбудиҳои хурди таҳрирӣ ба назар мерасанд, ки ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, бо навовариҳои назариявӣ, асоснокии методологӣ ва аҳамияти амалӣ фарқ мекунад. Маводи пешниҳодшуда пурра ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Тақризнавис:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
мудири шуъбаи кор бо мактаббачагони
назди Раёсати АМИТ **М.И. Садриддинов**

Имзои д.и.и., М.И. Садриддиновро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Толиб

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: +992(37) 221 50 83; +992(37) 221 71 00.
Суроғаи электронии муассиса - e-mail: https://amit.tj/tj/.
Суроғаи электронии тақризнавис – sadrman_s@mail.ru.